Ба Шурои диссертатсионии
6D.КОА-014 назди Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.
(Суроға: 734067, ш. Душанбе,
кӯчаи Нахимов 64/14)

ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ н.и.и., и.в. дотсент Нурублоева М.М. ба диссертатсияи Абдуҷабборзода Дилором Абдуҷаббор дар мавзуи «Ташаккули механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳҳои сохтмонӣ дар минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4 – Иқтисодиёти ҳудудӣ

1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ

Кори диссертатсионӣ аз рӯйи ҳадаф, вазифаҳо ва натиҷаҳои бадастомада ба бандҳои зерини шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.4 – Иқтисодиёти ҳудудӣ мувофиқат мекунанд: 1.2. «Тақсимоти ҳудудии захираҳои иқтисодӣ; ҷанбаҳои назариявӣ, методӣ ва амалии ҷойгиркунонии корхонаҳо, фирмаҳои тиҷорати хурду миёна, кластерҳои иқтисодӣ, корхонаҳои бахши ҷамъиятӣ, хоҷагиҳои оилавӣ». Мутобиқати диссертатсия ба банди мазкур тавассути омӯзиши иқтидори захиравию истеҳсолии вилояти Хатлон, ошкор намудани имкониятҳои истифодаи оқилона ва самараноки ашёи хоми маҳаллӣ, инчунин асосноккунии самтҳои афзалиятноки рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ бо ба инобат гирифтани хусусиятҳои ҳудудию иқтисодии минтақа муайян мегардад; 1.7. «Бозорҳои маҳаллӣ, ташаккул, фаъолият ва алоқамандии онҳо; тиҷорати байниминтақавӣ. Назарияи нави ҷуғрофияи иқтисодӣ». Мутобиқати таҳқиқот ба банди мазкур тавассути омӯзиши ҳолати бозори минтақавии масолеҳи сохтмонӣ, таҳлили таносуби талаботу пешниҳод, баррасии робитаҳои истеҳсолию тиҷоратии корхонаҳо, инчунин муайянсозии омилҳои мусоидаткунанда ба баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ ва тавсеаи ҳамкориҳои бозории байниминтақавӣ инъикос меёбад; 1.13. «Сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии минтақавӣ; таҳлили хусусиятҳо ва арзёбии самаранокии сиёсати иқтисодии минтақавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳо». Мутобиқати диссертатсия ба банди мазкур бо асосноккунии самтҳои афзалиятноки сиёсати минтақавӣ дар самти рушди инноватсионии саноати масолеҳи сохтмонӣ, таҳияи тавсияҳо оид ба такмили механизмҳои дастгирии фаъолияти инноватсионӣ ва муайянсозии роҳҳои баланд бардоштани натиҷабахшии сиёсати иқтисодии минтақавӣ дар вилояти Хатлон ифода меёбад; 1.19. «Истифодаи самараноки омилҳои истеҳсолот дар рушди иқтисоди минтақаҳо. Қонуниятҳо ва хусусиятҳои ташкил ва идоракунии сохторҳои иқтисодӣ дар минтақаҳо. Афзалиятҳои мутлақ ва нисбии кластерҳои иқтисодии минтақавӣ». Мутобиқати таҳқиқот ба банди

мазкур тавассути таҳлили иқтидори истеҳсолӣ ва инноватсионии соҳа, муайянсозии имкониятҳои истифодаи самараноки захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ, такмили низоми идоракунии фаъолияти истеҳсолӣ, инчунин асосноккунии дурнамои ташаккул ва рушди кластерҳои минтақавии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ифода мегардад; 1.20. «Инфрасохтори истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва бозорӣ дар минтақаҳо. Принсипҳо, хусусиятҳо ва механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳаҳои ёрирасон дар минтақаҳо». Мутобиқати диссертатсия ба банди мазкур тавассути таҳияи механизми ташкилию иқтисодии таъмини рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, арзёбии нақши инфрасохтори истеҳсолӣ ва бозорӣ, асосноккунии самтҳои такмили таъминоти захиравию технологӣ, инчунин муайян намудани роҳҳои густариши ҳамкории байни субъектҳои хоҷагидори минтақа таъмин мегардад.

2. Мубрамии мавзуи таҳқиқ.

Мубрамии мавзуи кори диссертатсионӣ аз зарурати баланд бардоштани сатҳи технологии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ҳамчун шарти асосии рушди саноатии минтақа бармеояд. Маълум аст, ки сохтмони манзил, бунёди иншооти саноатӣ ва рушди инфрасохтор ба масолеҳи дастрас, босифат ва инноватсионии сохтмонӣ ниёз дорад. Вобаста ба ин афзоиши ҳаҷми истеҳсолот бояд ба кам кардани истеъмоли ашёи хом ва энергия, беҳтар кардани хосиятҳои маҳсулот ва кам кардани таъсири манфии экологӣ мусоидат намояд. Ҳалли ин мушкилот татбиқи технологияҳои нав, навсозии таҷҳизот ва содда кардани ташкили истеҳсолотро талаб мекунад. Аз ин рӯ, омӯзиши механизми рушди инноватсионӣ дар ин соҳа барои тақвияти рақобатпазирии он ва беҳтар кардани истифодаи самараноки захираҳои минтақавӣ муҳим арёбӣ мегардад.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон барои вилояти Хатлон аҳамияти илмӣ ва амалии ин таҳқиқот бо зарурати мутобиқ кардани истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ бо ҳадафҳои рушди қаламравҳои алоҳида ва ниёзҳои саноати сохтмон муайян карда мешавад. Аммо, танҳо мавҷудияти ашёи хоми маҳаллӣ истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазирро таъмин намекунад. Бинобар ин арзёбии мувофиқати онҳо барои технологияҳои муосир, асосноккунии иқтисодии сатҳи коркард, дастрасии инфрасохтори энергетикӣ, нақлиётӣ ва омода кардани мутахассисон зарур аст. Дар ин замина интихоби самтҳои рушди инноватсионӣ бояд фарқиятҳои ҷойгиршавии манбаъҳои ашёи хом, корхонаҳо ва истеъмолкунандагонро ба назар гиранд. Ин дар навбати худ имкон медиҳад, ки истеҳсоли масолеҳи сохтмониро ҳамчун як қисми муҳими низоми иқтисодии минтақавӣ баррасӣ намуда, дар он роҳҳои ҳалли технологӣ бо имкониятҳои сармоягузорӣ ва ташкили ҳудудии иқтисодиёт асоснок карда шаванд.

Вобаста ба гуфтаҳои боло ва бо назардошти афзалиятҳои рушди саноати миллӣ дар заминаи саноатикунонии босуръати иқтисодиёти кишвар мавзуи интихобшуда мубрам буда, дорои аҳамияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ мебошад.

3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.

Арзёбии натиҷаҳои ба дастомада, унсурҳои навгонии илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар таҳқиқот бо истифода аз усулҳои муосири илмӣ масъалаҳои муҳимми рушди инноватсионии истеҳсолоти саноатӣ дар минтақа асоснок карда шудаанд. Ба сифати дастовардҳои муҳимтарини таҳқиқот, ки дорои хусусияти навгонии назариявӣ ва методӣ мебошанд, инҳоро шомил намудан мумкин аст:

- муаллиф асосҳои назариявию методии рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонро дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисодиёт такмил дода шуда, дар ин замина равиши маҷмуии арзёбии рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонро пешниҳод кардааст;

- дар кори диссертатсионӣ ҳолати кунунӣ ва иқтидорҳои имконпазири рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмон дар вилояти Хатлон арзёбӣ гардида, самтҳои афзалиятноки рушди истеҳсолот бо назардошти ҳадафҳои рушди миллӣ муайян карда шудаанд;

- бо назардошти таҳқиқоти назариявӣ ва таҳлили вазъи муосири соҳа муаллиф истифодаи оқилонаи захираҳои маҳаллиро асоси коҳиши вобастагӣ аз воридот, кам кардани хароҷоти истеҳсолӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот ва таъмини рушди устувори саноати минтақа арзёбӣ намудааст;

- аз руйи натиҷаҳои таҳқиқот механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмон барои вилояти Хатлон илман асоснок карда шудааст, ки барои рушди фаъолияти инноватсионӣ ва афзоиши ҳаҷми истеҳсолоти рақобатпазир заминаи мусоид фароҳам меорад.

Муаллиф дар асоси таҳқиқоти анҷомшуда ва муқаррароти назаривию амалии ба дастоварда нуктаҳои муҳиммро барои ҳимоя пешниҳод намудааст, ки фарогири ғояҳои нави назариявӣ, методӣ ва амалӣ мебошанд. Дар ин самт ҷанбаҳои зерини нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда қобили таваҷҷуҳ буда, ҳамчун саҳми шахсии муаллиф дар ҳалли масъалаи таҳқиқот эътироф карда мешавад:

- муаллиф исбот намудааст, ки татбиқи модели инноватсионии рушди саноати масолеҳи сохтмонӣ дар сатҳи минтақавӣ истифодаи равиши системавиро тақозо мекунад ва самаранокии гузариши корхонаҳои соҳаи масолеҳи сохтмонӣ ба модели фаъолияти инноватсионӣ аз сатҳи истифодаи мақсаднок ва ҳамоҳангшудаи захираю имкониятҳои дохилии минтақа вобастагии ногусастанӣ доранд;

- муаллиф дар асоси таҳлилҳои анҷомшуда асоснок намудааст, ки бартараф намудани маҳдудиятҳо ва безараргардонии хавфҳои мавҷуда танҳо тавассути роҳандозии занҷираҳои нави арзиши иловашуда ва самтгирӣ ба истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати технологӣ пешрафтаю муосир имконпазир мегардад;

- исбот шудааст, ки истифодаи ҳамаҷонибаи ашёи хоми маҳаллии вилояти Хатлон вобастагии истеҳсолкунандагони минтақавиро аз воридоти ашё ва маводҳои беруна ба таври назаррас коҳиш дода, омили мазкур

заминаи устуворро барои баланд бардоштани рақобатпазирии нархию сифатии маҳсулоти ватанӣ ва таъмини амнияти иқтисодии минтақа ташаккул медиҳад.

- муаллиф механизмеро пешниҳод намудааст, ки воситаҳои афзалиятноки ҳавасмандгардонии молиявию сармоягузориро бо эҳтиёҷоти воқеии корхонаҳои сохтмонии вилояти Хатлонро дар бар мегирад.

Ҳамин тавр, натиҷаҳо ва тавсияҳои ҳалшуда заминаи методологию амалиро барои рушди инноватсионии саноати истеҳсоли маҳмулоти сохтмонӣ дар минтақа фароҳам месозанд.

4. Асосноки ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.

Асоснокии натиҷаҳои хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта аз рӯи мувофиқати принсипҳои назариявӣ, усулҳои тадқиқот ва тавсияҳои пешниҳодшуда бо ҳадафи муқарраршуда дар хусуси таҳияи механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар минтақа муайян карда мешавад. Хулосаҳо ба таҳқиқи назариявӣ, таҳлили пайвастаи вазъи соҳа, омилҳои рушди инноватсионии корхонаҳо ва шароити татбиқи технологияҳои нав дар вилояти Хатлон асос ёфтаанд. Робитаи мантиқӣ байни мушкилоти муайяншуда, роҳҳои ҳалли пешниҳодшуда ва натиҷаҳои интизоршаванда таъмин карда шудааст.

Эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта бо он таъмин карда мешавад, ки зимни ба даст овардани онҳо маълумоти расмии омории корхонаҳо, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва маводи тадқиқотӣ истифода карда шудаанд. Муқоисаи нишондиҳандаҳо, давраи кофии мушоҳида ва дақиқии ҳисобҳо низ эътимоднокии натиҷаҳоро таъмин намуда, усулҳои истифодашуда бо хусусияти маълумоти манбаъ мувофиқ ва хулосаҳои таҳияшуда намунаҳои муқарраршударо инъикос мекунанд.

Ҳамин тавр, тасдиқи амалии натиҷаҳоро метавон бо санҷиши механизми пешниҳодшуда дар корхонаҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ва ҳисоб кардани самаранокии иқтисодии чораҳои тавсияшуда тасдиқ кард.

5. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати сарчашмаҳои истифодашуда, ки фарогири 80 номгӯй мебошанд, иборат аст. Ҳаҷми умумии кори диссертатсионӣ 210 саҳифаро ташкил дода, дар он 27 ҷадвал, 25 расм, 2 диаграмма ва 5 замима оварда шудаанд.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ ва робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ нишон дода шудааст. Дар қисмати тавсифи умумии таҳқиқот мақсад, вазифаҳо, объекту предмет, фарзияи таҳқиқот асосҳои назариявию методологии таҳқиқот, сарчашмаи маълумот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мувофиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тавиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия ва инчунин интишорот ва сохтору ҳаҷми диссертатсия оварда шудааст.

Дар боби якуми кори диссертатсионӣ асосҳои назариявӣ ва раванди ташаккули механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ тавассути таҳқиқи асосҳои консептуалӣ ва омилҳои рушди саноати истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар шароити муосир, масъалаҳои назариявӣ ва амалии ҷойгиркунии корхонаҳои инноватсионии саноати масолеҳи сохтмонӣ ва моҳият, самтҳои асосӣ ва аҳаммияти фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ баррасӣ карда шудааст.

Да ин боб муаллиф назарияҳои асосии рушди саноати истеҳсоли масолеҳи сохтмониро таҳқиқ намуда, самтҳои асосии таҳқиқоти илмӣ оид ба рушди саноати масолеҳи сохтмонӣ ва саҳми олимонро дар омӯзиши он (саҳ. 26) асоснок кардааст. Ҳамчунин дар ин боб корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ аз рӯйи намуди маҳсулоти истеҳсолшаванда (саҳ. 28) гуруҳбандӣ карда шуда, алоқамандӣ ва вобастагии мутақобилаи рушди иҷтимоию иқтисодии давлат ва рушди саноати истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ (саҳ. 30) исбот карда шудааст. Дар баробари ин муаллиф омилҳое, ки ба пайдоиш ва рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ вобаста ба ҷанбаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии рушди давлат мусоидат мекунанд (саҳ. 32) тасниф намуда, омилҳои ба рушди саноати истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ таъсиррасонро (саҳ. 34) дар алоҳидагӣ пешниҳод кардааст.

Дар идомаи таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва методӣ муаллиф таҳлили самтҳои асосии корҳои илмӣ оид ба ташаккул, ҷойгиркунӣ ва рушди саноати масолеҳи сохтмонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ. 38) анҷом додааст. Аз нигоҳи методӣ принсипҳои ҷойгиркунии корхонаҳои масолеҳи сохтмониро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ. 40) тасниф намуда, нигоҳи муаллифиро дар мавриди меъёрҳои таснифи инноватсияҳо дар соҳаи сохтмон (саҳ. 51) пешниҳод кардааст. Ҳамчунин бо назардошти натиҷаҳои ба дастомада гурӯҳбандии инноватсияҳо аз рӯйи истеҳсоли маҳсулот (саҳ. 53) пешниҳод намуда, марҳилаҳои татбиқи фаъолияти инноватсионӣ дар истеҳсоли масолеҳи сохтмониро (саҳ. 54) ҷудо кардааст. Муаллиф афзалиятҳои иқтисодӣ, техникӣ ва экологӣ аз татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар истеҳсоли маҳсулоти сохтмониро (саҳ. 57) асоснок намуда, нуқсҳои фаъолияти инноватсионӣ дар истеҳсоли маҳсулоти сохтмониро (саҳ. 59) тасниф ва ооҳҳои бартарафсозии онҳоро (саҳ. 63) пешниҳод кардааст.

Дар боби дуюм вазъи муосири истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ва баҳодиҳии рушди инноватсионии соҳа дар Вилояти Хатлон дар заминаи таҳлили вазъи муосир ва тамоюлҳои рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, маҷмуи нишондиҳандаҳои баҳодиҳии иқтидори инноватсионии соҳаи истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ва хусусиятҳо, омилҳо ва самтҳои рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмонии табиӣ дар шароити саноатикунонии босуръат арзёбӣ карда шудааст.

Дар ин боб муаллиф нишондиҳандаҳои асосии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Хатлон дар солҳои 2018-2024 (саҳ. 72-73), ҳиссаи шумораи корхонаҳои саноатӣ (саҳ. 73), таносуби минтақаҳо дар таркиби маҳсулоти саноатии ҷумҳурӣ (саҳ. 74) таҳлил намудааст. Дар таҳқиқот тамоюли тағйирёбии маводди ғайриэнергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо

шакли асл барои солҳои 2018 – 2024 (саҳ. 76), номгӯйи маводди ғайриэнергетикӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ. 78) ва сатҳи истифодаи иқтидори истеҳсолии корхонаҳои алоҳидаи саноати масолеҳи сохтмонӣ ва арзёбии таъсири онҳо ба истеҳсолот ва бозори дохилиро (саҳ. 80) таҳлил намудааст.

Дар боби мазкур низоми нишондиҳандаҳои баҳодиҳии иқтидори инноватсионӣ ва самаранокии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ (саҳ. 89), нишондиҳандаҳои арзёбии сатҳи иқтидори инноватсионӣ дар соҳаи истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ (саҳ. 91-93), сарчашмаи маблағгузорӣ ва арзёбии фаъолияти инноватсионӣ тавассути патентҳо анҷом таҳлил карда шудааст. Дар идомаи таҳлил тамоюли тағйирёбии ҳаҷми масолеҳи истеҳсолшуда ва арзиши он дар вилояти Хатлон (солҳои 2022-2024) (саҳ. 113), намудҳои асосии ашёи хоми масолеҳи сохтмонӣ дар вилояти Хатлон (саҳ. 116) ва SWOT-таҳлили иқтидор ва дурнамои рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмонии табиӣ дар вилояти Хатлон арзёбӣ карда шудааст.

Дар боби сеюм такмили механизми рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмонии рақобатпазир бо истифодаи ашёи маҳаллӣ асоснок карда шуда, ҳадафҳои асосии стратегияи инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар шароити саноатикунонии босуръат ва дурнамои рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар вилояти Хатлон барои солҳои 2027-2035 дар асоси усулҳои иқтисодӣ-математикӣ асоснок карда шудааст.

Дар боби мазкур модели рушди устувори истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ (саҳ. 130), даврaҳо ва зинаҳои ташаккули стратегияи рушди инноватсионии корхонаҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ (саҳ. 132), ҷузъҳои стратегияи инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ (саҳ. 137), марҳилаҳо ва ҳадафҳои стратегияи инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ (саҳ. 140) пешниҳод ва SWOT таҳлили ҳадафҳои асосии стратегияи инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар вилояти Хатлон (саҳ. 141) анҷом дода шудааст.

Дар идомаи таҳқиқот муаллиф механизми иқтисодии рушди соҳа (саҳ. 150-155) ва роҳҳои фаъолгардонии механизми рушди инноватсионӣ дар корхонаҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмониро (саҳ. 156) асоснок намудааст. Дар баробари ин модели консептуалии механизми рушди инноватсионӣ дар истеҳсоли масолеҳи сохтмониро (158) пешниҳод кардааст, ки дар заминаи он системаи пайванддиҳандаи унсурҳои механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар шароити саноатикунонии босуръат (саҳ. 160) аз ҷониби муаллиф гуруҳбандӣ карда шудааст. Истифодаи амсилаҳои математикӣ ва ҳисобҳои анҷомшуда низ дорои аҳамияти муҳим мебошанд (саҳ. 169-175).

Дар хулоса натиҷаҳои бадастомада, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалӣ оид ба такмили фаъолияти инноватсионӣ ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот масолеҳи сохтмон пешниҳод карда шудааст.

Таҳлилу арзёбии мазмуни кор ва навгониҳои илмӣ нишон медиҳад, ки муаллиф дар кори диссертатсионӣ масъалаи муҳими рушди инноватсионии саноати истеҳсоли маҳсулоти сохмониро дар минтақа ҳал намуда, барои таъмини рушди устувори он пешниҳодҳои илман асоснокро таҳия кардааст.

Дар ин замина дастовардҳои муаллиф дар самти коркардҳои назариявӣ ва методӣ, таҳлилу арзёбии омилҳо ва сатҳи таъсиррасонии онҳо, интихоб ва истифодаи нишондиҳандаҳои арзёбии иқтидори инноватсионӣ, ҳадафҳои стратегии рушди индустриалию инноватсионӣ, механизми муаллифии рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ва дурнамои таҳияшуда дорои унсури навгонӣ буда, ба талаботи ҷойдошта ҷавобгуй мебошад.

6. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.

Аҳамияти илмии таҳқиқот дар таҳияи принсипҳои назариявӣ ва методологӣ барои таъсиси механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ бо назардошти шароити минтақавӣ зоҳир мегардад. Арзиши назариявии таҳқиқот дар муайян кардани омилҳое, ки навовариҳои корхонаро муайян мекунанд, асоснок кардани робитаҳо байни навовариҳои технологӣ, таъминоти захираҳо ва ташкили истеҳсолот ва таҳияи равишҳо барои интихоби самтҳои афзалиятноки навсозии саноати истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ дар минтақаи Хатлон мебошад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар истифодаи тавсияҳои пешниҳодшуда дар таҳияи барномаҳои рушди саноати минтақавӣ ва банақшагирии навсозии корхонаҳои масолеҳи сохтмонӣ инъикос меёбад. Механизми муаллифии таҳияшуда метавонад барои арзёбии ниёзҳои инноватсионии корхонаҳо, интихоби лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва ташкили ҳамкорӣ байни истеҳсолкунандагон ва муассисаҳои илмӣ, сармоягузорон ва мақомоти давлатӣ истифода карда шавад. Татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот имкониятҳои истеҳсолии корхонаҳои мушаххас ва шароити татбиқи лоиҳаҳоро афзоиш медиҳад.

Аҳамияти иқтисодии таҳқиқот дар асоснок кардани стратегияҳо барои тақвияти фаъолияти инноватсионӣ, кам кардани хароҷоти истеҳсолӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва истифодаи самараноки ашёи хом, энергия ва иқтидори истеҳсолӣ мебошад. Татбиқи роҳҳои ҳалли пешниҳодшуда метавонад сифат ва рақобатпазирии масолеҳи сохтмониро беҳтар карда, доираи онҳоро васеъ кунад ва арзиши иловагии коркарди ашёи хоми маҳаллиро афзоиш диҳад. Таъсири иқтисодии интизоршаванда бо ҳисобҳо бо назардошти хароҷоти навсозӣ ва мӯҳлатҳои баргардонидани сармоягузорӣ исбот карда карда шудаанд.

Аҳамияти иҷтимоии таҳқиқот аз рӯи имкониятҳои таъсиси ҷойҳои корӣ, беҳтар кардани малакаҳои коргарон ва шароити корӣ бо истифода аз инноватсияҳо дар корхонаҳои саноатӣ муайян карда мешавад. Рушди истеҳсоли маҳаллии масолеҳи сохтмонии баландсифат метавонад ба сохтмони манзил ва инфрасохтор дар минтақа мусоидат карда, истифодаи технологияҳои сарфакунандаи захираҳо ва кам кардани партовҳои саноатӣ низ барои беҳтар кардани шароити экологӣ барои сокинони вилояти Хатлон муҳим арзёбӣ мегардад.

7. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 11 номгӯй маводи илмию амалӣ ба чоп расидаанд, ки 7 мақолаи илмӣ дар маљаллаҳои илмие, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд, чоп шудаанд. Шумораи мақолаҳои тақризшаванда ва таъйиди натиҷаҳо ба талаботи ҷойдошта ҷавобгуй мебошанд.

8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи муқарраргардида.

Кори диссертатсионӣ бо риояи талаботи дастурамал оид ба барамиятдарории кори диссертатсионӣ ва автореферати он омода карда шудааст.

Автореферат, ки муҳтавои асосии кори диссертатсиониро фаро гирифта, мазмуни он ба маълумоти дохилии диссертатсия пурра мутобиқ мекунад. Автореферати кори диссертатсионӣ низ бо риояи талаботи барасмиятдарорӣ омода карда шудааст.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар диссертатсияи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб ва ғалатҳои имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар қисмати назариявии кори диссертатсионӣ муаллифро зарур буд, ки ба назарияи инноватсияҳои технологӣ таваҷҷуҳ намуда, сатҳи рушди истеҳсолоти минтақавии масолеҳи сохтмониро бо назардошти мавҷудияти унсурҳои раванди инноватсионӣ асоснок мекард;

2. Зимни арзёби омилҳо ва таъсири онҳо ба рушди инноватсионии саноати масолеҳи сохтмон бояд принсипҳои асосии ҷойгиркунонии корхонаҳои истеҳсолӣ, таъсири принсипҳои иқтисодиёти “сабз” ва тамоюлҳои муосири рушди бозори минтақавӣ истифода карда мешуданд;

3. Агар дар таҳқиқоти илмӣ иқтидори илмию инноватсионии минтақа ва мавҷудияти заминаҳои рушди инноватсионии саноати масолеҳи сохтмонӣ дар асоси ҳамгироии илму истеҳсолот мушаххас карда мешуд, аҳаммияти амалии он ба маротиб баланд мегардид;

4. Рушди инноватсионии саноат дар шароити муосир ба захираҳои молиявӣ, инвеститсионӣ, кадрӣ ва илмию техникӣ вобаста мебошад. Бинобар ин дар кори диссертатсионӣ бояд мавҷудияти захираҳо ва самтҳои афзалиятноки таъминоти инвеститсионӣ ва захиравии рушди инноватсионӣ бояд ба таври муфассал асоснок карда мешуд;

5. Муаллиф таъсиси кластерҳои саноатиро ба сифати омили асосии рушди фаъолияти инноватсионии корхонаҳои масолеҳи сохтмонӣ арзёбӣ кард, вале дар кори диссертатсионӣ ҷиҳати таъсиси онҳо пешниҳодҳои мушаххас коркард нашудаанд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳамияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коҳиш надода, ба муҳтавои кор таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Абдуҷабборзода Дилором Абдуҷаббор дар мавзуи «Ташаккули механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳҳои

сохтмонӣ дар минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4 – Иқтисодиёти ҳудудӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2026, № 591 тасдиқ шудааст ҷавобгӯй буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ:

н.и.и., и.в. дотсенти кафедраи
Соҳибкорӣ ва иқтисодиёти
соҳавии ДБССТ _____ **Нурублоева М. М.**

Имзои М.М. Нурублоеваро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДБССТ _____ **Ҷураев Ш. Н.**
30.10.2026

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, х. Борбад, 48/5.
Тел: (+992) 111647878